«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
________________________
«__12__» ________03________ 2024с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Таҳлили амиқи муҳтавою мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки воқеан кори диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод ба бандҳои дар диссертатсия ва автореферат нишондодашудаи Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуъ**

Дар замони муосир ва тағйиротҳои сифатан нав дар ҷомеъа гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ, ташаккули низоми инноватсионии иқтисодиёти миллӣ, амалӣ гардондани корҳои илмӣ-таҳқиқоти бунёдӣ, таъмини сифати таҳсилоти олӣ ва хизматрасониҳои таълимиро тақозо мекунад. Ҳама дигаргуниҳое, ки дар ҷомеа ба амал меоянд, бояд дар раванди тайёркунии мутахассисони соҳаҳои иқтисоди миллӣ, мукаммалсозии меъёру стандартҳои таҳсилотӣ ба инобат гирифта шаванд. Раванди амалигардонии нуктаҳои зикршуда маҳз тавассути хизматрасониҳои таҳсилотии сифати баланд ва инноватсионӣ ҳаллу фасл мегардад. Дар шароити рушди мунсибатҳои бозорӣ, такмили механизми бозорҳои мухталиф, алалхусус бозори хизматрасониҳои таҳсилотии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, боиси пурзӯр гардидани рақобат байни субъектҳои ёдрасшуда мегардад.

Барои дарёфти мавқеи мусоид дар бозори химатрасониҳои таҳсилотӣ, шинохти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз нигоҳи эътироф доштан, таҷриба ва собиқаи мусбати тайёркунии мутахассисони дорои малакаи касбӣ, шумораи кормандони дорои дараҷаи илмидошта аҳамияти муҳим дорад. Дар маҷмуъ, таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳад, ки бо дарназардошти омилҳои болозикр роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро водор намуд, ки дар фаъолияти муассиса навгониҳои муосирро татбиқ намоянд. Яке аз ин падидаи нав ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва идоракунии он ба ҳайси захираи муҳим мавқеъёбии самаранок дар бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ба шумор меравад. Маҳз масъалаҳои баёнгардида муҳимияти интихоби мавзуи таҳқиқотии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимуродро ба миён гузоштааст.

**Сатҳи асоснокии навовариҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо.**

Асоснокии илмӣ ва хулосаю тавсияҳои кори дисертатсионӣ бо таҳқиқотҳои анҷомдодаи унвонҷӯ, эътимоднокии маълумотҳо, маҷмуи фарогири ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пешрафтаи ҷумҳурӣ, хизматрасониҳои таҳсилотии онҳо ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои дар рисолаи диссертатсионӣ овардашударо дар фаъолияти дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва хулосаҳои назариявии тавсиявӣ дар оянда барои ташаккули имиҷи онҳо мавриди истифода қарор додан мумкин аст

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки аз тарафи унвонҷӯ моҳияти назариявию амалии имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун дороии ғайримоддӣ баҳогузорӣ карда, роҳҳои ташаккули имиҷи мусбати онҳо, ки рақобатпазирро онҳоро дар шароити рушд ва васеъ гардидани бозори хизматрасониҳои муосири инноватсионии таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад. Натиҷаҳои зеринро ҳамчун унсури навгонии илмидошта нишон додан мумкин аст:

1. Ба истифодаи таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва усулҳои илми имиҷшиносӣ (имиджелогия) таърифи муаллифии имиҷи ташкилоту муассисаҳоро бо чунин мазмун пешниҳод гардидааст: “имиҷ инъсимои (образ) муассисаҳо, ташкилотҳо инчунин ҷузъҳои алоҳидаи сохтории он мебошад, ки хусусиятҳои муайян дошта, ба хусусиятҳои воқеии ташкилоти мушаххас асос меёбад, ки маҳсулоти он барои истеъмолкунандагон ва ё дарккунандагон арзиши нафънокии ҷамъиятиро доро мебошад”.

2. Унвончӯ дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи ташаккули имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, асос ва тамоюлҳои рушд ва трансформатсияи симои мусбатро, ки чун дороии ғайримоддии афзунгардонии даромади субъектҳои таҳқиқшаванда баҳогузорӣ намуда зарурати таҳияи механизми ташаккулу идоракунии онро асоснок намудааст.

3. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун ниҳоди муҳими ҷомеа, давлат ва иқтисодёти миллӣ дониста, ҳамчун унсури асосии низоми такрористеҳсоли интеллектуалии иҷтимоӣ, сармояи инсонӣ, эҷод ва паҳнкунандаи донишҳои нав эътироф карда, таъсири синергетикии имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро исбот намудааст.

4. Дар шароити муосир ва рушди муносибатҳои бозорӣ афзалияти истифодаи стратегияҳои маркентингӣ дар ташаккул ва рушди имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян карда шудааст. Нақш ва аҳамияти истифодаи технологияи инноватсионии муосир PR-техногияҳо, дар ташаккул ва идоракунии босамари симои донигоҳ, таҳияи модели муносибатҳои байнидонишгоҳӣ, давлат ва тиҷорат асоснок карда шудааст.

5. Нишондиҳандаҳои асосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро ва донишгоҳҳои бонуфузи пешрафта аз нигоҳи унвончӯ мавриди таҳлил қарор дода, омилҳои ба ташаккули имиҷи муассисаҳо мусоидаткунанда ва нишондиҳандаҳои сифатии хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ муайян карда шудаанд. Ба қатори онҳо чунин омилҳо ва нишондиҳандаҳо шомиланд: шумораи умумии донишҷӯён, донишҷӯён ба 10000 нафар аҳолӣ, зерсохтор, кабули донишҷӯён, ҳароҷотҳои таҳсилот, шумораи омӯзгорони дараҷаи илмдошта, шумораи донишҷӯён ба 1 омӯзгори дараҷаи илмидошта, сатҳи таъминоти моддию техникӣ, сатҳи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ.

6. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоии амалигардида заминаҳои консептуалии мукаммалгардонии имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун дороии ғайримоддӣ ва тавсияҳо барои татбиқ дар фаъолияти ояндаи субъектҳои таҳқиқгардида асоснок шудаанд. Бо мақсади такмили механизми ташаккулу рушди имиҷ, ки меъёр ва методологияи баҳодии симои мусбати донишгоҳро инъикос менамояд, унвончӯ механизми ташаккул ва такмили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таҳия намудааст.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Таҳқиқи мазмуну муҳтавои

рисолаи баррасишуда кори ба итмомрасида будани онро собит сохт. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, 38 ҷадвал, 10 расм, 3 диаграмма, хулоса ва тавсияҳо бо истифодаи 154 сарчашма таҳия карда шудааст, ки дар 164 саҳифаи чопӣ баён гардидааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи мавзуъ бо барномаю аснодҳои меъёрӣ муайян карда шуда, мақсад ва вазифагузорӣ сурат гирифта, бандҳои минбаъдаи дахлдор тибқи талаботи мавҷуда оварда шудаанд (саҳ. 4-17).

Дар боби якуми дисертатсия, ки "Асосҳои назариявии таҳқиқоти имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ" номгузорӣ шудааст, моҳият ва механизми ташаккули имиҷ дар низоми дороиҳои ғайримоддӣ хусусиятҳои имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, асосҳои методологию методӣ иавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Баррасӣ ва асосноккунии сохтори имиҷ ва баҳогузории омилҳои ташаккули он, хеле бо маврид буда, истифодаи он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ боиси имкониятҳои иловагии рушди субъектҳо мегардад (саҳ. 17-46).

Дар боби дуюми диссертатсияи баррасишаванда ба таҳлили васеи вазъияти кунунии рушди таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи нишондиҳандаҳои умумӣ, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва донишҷӯёни онҳо, инфрасохтори муассисаҳо, қабули донишҷӯён дар давраи таҳлилӣ, динамикаи хароҷотҳо аз рӯи сарчашмаҳо ва шумораи донишҷӯён тибқи муассисаҳои соҳавӣ бахшида шудааст.

Унвонҷӯ дар доираи ин боб арзёбии заминаҳои ташаккул ва рушди имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро бо истифодаи нишондиҳандаҳои сифатии хизматрасониҳои донишгоҳҳо ба монанди сатҳи консентратсияи бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар ш. Душанбе, ҳиссаи хизматрасониҳои таҳсилотӣ дар ҳаҷми хизматрасониҳои умумии пулакӣ, шумораи омӯзгорони дараҷаи илмӣ дошта ва шумораи донишҷӯён ба як номзад ва доктори илм баҳогузорӣ намудааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф принсипҳои асосии коркарди стратегияи рушди муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба баланд бардоштани имиҷи онҳо мусоидат мекунад, пешниҳод намудааст (саҳ. 112-159).

Дар боби сеюми диссертатсияи баррасишаванда муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар шароити фарогирӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ саросари ҳаёти ҷомеа ва соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба такмили механизми ташаккули имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пардозад. Дар ин раванд баррасии тадбирҳои имиҷи дохилию берунии

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидаткунанда қолиби таваҷҷуҳ мебошад.

Дар замони муосир ва таҷрибаи донишгоҳҳои машҳури ҷаҳони имрӯза афзалияти истифодаи PR-технологияҳо ҳамчун омили муҳими ташаккул ва такмили имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олӣ бараъло нишон доданд. Маҳз барои ҳамин унвонҷӯ ҳадаф, вазифаҳо ва принсипҳои татбиқи PR-технологияро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар ин раванд ба тарҳи умумии таҳияи ғояи рекламавӣ (ташвиқотӣ) дар фаъолияти муассисаҳои олӣ аҳамияти муҳим дода шудааст.

Дар ин боб инчунин ташкили имиҷ-система, имиҷ-менеҷмент тавассути таъсиси маркази имиҷ таҳқиқ шудааст, ки амалишавии он ба оянда нигаронида шудааст (саҳ. 112-159).

Дар қисмати хотимавии кори баррасишаванда хулосаҳои асоснок бо истинод ва интишороти довталаб ҳамчун натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо оварда шудааст, (саҳ. 159-165).

Ҳамаи марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсади муайянгардида ва нақшаи кории иҷрои он бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ гузаронида шудааст. Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (солҳои 2019-2022) пешниҳод гардида, дастгирӣ ёфтаанд. Аз ҷумла дар конференсияи ҷумҳуриявӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Нақш ва моҳияти сармояи инсонӣ дар рушди инноватсионии Тоҷикистон” (5 декабри соли 2019), дар мавзуи “Вазъи муосири рушди индустриалии инноватсионии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои рушди онҳо” (30 ноябри соли 2021), дар мавзуи “Трансформатсияи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (27 майи соли 2022) баҳои мусбӣ гирифтаанд. Дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расидааст.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**

Дар баробари ҷанбаҳои мусбат, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баъзе камбудиҳо ва нуктаҳои баҳснок холӣ нест, ки ба инобат гирифтани онҳо барои корҳои илмии диссертатсионӣ манфиатбахш арзёбӣ мегардад:

1. Дар зербоби 1.1. унвонҷӯ бояд имиҷро дар низоми дороиҳои ғайримоддӣ ва моҳияти иқтисодии он баррасӣ менамуд, аммо матни таҳқиқ бештар характери психологӣ ва сотсиологӣ дорад. Дар ин

параграф **имиҷро ҳамчун** категорияи илми имиҷиология баррасӣ гардидааст.

2. Дар зербоби 1.3. муаллиф дар бораи омилу нишондиҳандаҳои сифати фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба имиҷи ин муассисаҳо мусоидат мекунад ва имконияти ба даст овардани даромадҳои иловагӣ, яъне даромадҳои барзиёд аз нишондиҳандаҳои байнидонишгоҳиро ба миён меорад. Инчунин, дар ин боб нисбати муайян кардани гудвили иқтидори кадрӣ ва баҳисобгирии он сухан меравад. Мутаасифона амалӣ гардонидани ин падидаҳо исботи васеи худро наёфтаанд.

3. Дар зербоби 2.1. муаллиф хулоса баён мекунад, ки имрӯз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз муассисаи таҳсилоти илмии буҷетӣ тадриҷан ба комплекси истеҳсолӣ-илмӣ ва соҳибкорӣ мубаддал мегарданд, ки ҳамкории ҳамдигариро бо сохторҳои ғайрибозорӣ ва бозори соҳибкорӣ амалӣ менамоянд. Аммо ин таҷрибаи донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳони муосир, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи воқеӣ надорад. Дар ин зербоб инчунин таҳлили нишондиҳандаҳои гуногуни фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида шудааст, аммо ягонагии давраи таҳлил риоя нагардидааст.

4. Дар зербоби 2.2. барои арзёбии ҳолат ва имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ ва сатҳи консентратсияи он, кӯшиши истифодаи индекси Херфиндал-Хиршманро ба харҷ додаанд, ки нопурра ва баҳснок мебошад. Дар ин ҷо таҳлили фаъолияти донишгоҳҳои ш. Душанбе гузаронида, 4-муассисаро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи славиянии Тоҷикистон ва Россия ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимиро ҳамчун муассисаҳои маъруфи пойтахт баҳогузорӣ мекунад, ки ба рейтинги расмии донишгоҳҳо ба пуррагӣ мувофиқат намекунад;

5. Дар зербоби 2.3. муаллиф як хулосаи қотеъонаи беасоси худро оиди он, ки танҳо 3-4 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии беҳтарини ватанӣ имкон доранд, ки ба хатмкунандагони худ таҳсилоти сифатнок ва рақобатпазир диҳанд, ки нисбати 37-38 муассисаи дигар беэътиноӣ мебошад. Ҳамзамон муаллиф ягон иқтибосе аз Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аз ташаккулу истифодаи низоми менеҷменти сифат сухане оварда нашудааст;

6. Дар зербоби 3.1. муаллиф нисбати тиҷоратикунонии имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ақидаи худро баён мекунад, ки он фақат дар шароити рушди баланду фарогири муносибатҳои бозорӣ дар ҷомеа метавонад амалӣ гардад. Ин ҳолат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин нагардидааст;

7. Дар зербоби 3.2 ва 3.3 муаллиф бар хилофи ақидаи худ нисбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбии маъруф боз 4-муассисаро ДМТ, ДДТТ, ДСТР ва ДТТ- ба номи М. Осимиро бонуфуз муаррифӣ мекунад. Дар ин ҷараёни таҳқиқот унвонҷӯ дар баррасии мафҳумҳои имиҷ рейтинг ва бренд оид ба умумият, муҳимият ва ҷолибият барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ хулосаи асосноки худро баён накардааст.

Дар ҷамъбасти боби сеюм ташкили имиҷ-система, имиҷ- менеҷмент тавассути таъсиси Маркази имиҷ, бо истифодаи PR-технология таҳқиқ шудааст, аммо татбиқи амалии ин пешниҳод ҳатто дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии маъруфу бонуфуз ҷой надоранд ва ин пешниҳодҳо ба оянда нигаронида шудаанд.

8. Хулоса ва тавсияҳо каме коркард мехоҳанд.

Қобили қайд аст, ки чунин мавзуъ бори аввал дар ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, баъзе камбудию эродҳои хислати ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта мазмун ва баҳои воқеии илмии рисоларо тағйир намедиҳад.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.**

Баррасии диссертатсия нишон дод, ки вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар умум 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи он дар нашрияҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он бо довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Нуқтаҳои асосии илмии диссертатсияро метавон ба сифати асоснокии назариявию методологии таҳқиқоти минбаъда ва ҳалли амалии оид ба бартараф кардани мушкилотҳои асосии ташаккул ва истифодаи воқеии имиҷи муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити рушди бефосилаи муносибатҳои бозорӣ истифода бурд. Дар самти роҳҳои ҳалли мушкилотҳои ошкоршудаи идоракунии имиҷи мусбати муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути усулҳои муосири инноватсионӣ PR технология, тавсияҳои мушаххасе пешниҳод шудаанд,

ки онҳоро ҳамчун шарт ва заминаи воқеии такмили механизми имиҷи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар оянда истифода хоҳад шуд. Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқот он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан метавонанд ба мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва такмили сифати хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муссисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути истифодаи курсҳои зерин: "Иқтисоди бахши ҷамъиятӣ", "Иқтисод ва идоракунии таҳсилот", "Менеҷменти сифат" мавриди истифода қарор гиранд.

**Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ.**

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ инъикос мекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба кори диссертатсионӣ.**

Диссертатсияи Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст кори мустақил анҷомёфта, дорои арзиши илмӣ мебошад.

Дар маҷмуъ кори диссертатсионии Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизмҳои ташкил ва идоракунии имиҷи ташкилот (дар мисоли муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04. – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод гардидааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои мазмуну моҳияти илмию амалидошта буда ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Ҳасанзода Нодира Ҳоҷимурод сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва

идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ шудааст (аз 11.03.2024 протоколи №8).

Натиҷаи овоздиҳӣ:
тарафдор-13 нафар
зид-нест.
бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи иқтисоди
корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нуриддинов С.З.

**Ташхисгар:**
д.и.и., профессор, профессори кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Фақеров Ҳ.Н.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муаллими калони кафедраи
иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Исайнова М.Ҳ.

Имзоҳои **Нуриддинов С.З., Фақеров Ҳ.Н.,** ва **Исайнова М.Ҳ.** -ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Ҷ.М.
____________
(сана)